# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дар мавзуи “Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Мусаллам аст, ки забони тоҷикӣ дар баробари захираи луғавӣ захираи муайяни фразеологиро низ доро мебошад, ки дар он бо риояи беҳтарин анъаноти таъбирсозӣ ибора, таркиб ва ҷумлаҳои фаровони фразеологӣ мавҷуданд ва дар ифодаи мафҳуму маъниҳои муайян дар хизмати соҳибони забон қарор доранд. Ҳарчанд солҳои охир таваҷҷуҳи рӯзафзун нисбат ба ошкор намудани мушкилоти илми мазкур баръало ба мушоҳида мерасад, вале бо вуҷуди ин то ҳол масъалаҳое дар ин самт вуҷуд доранд, ки ба ҳаллу фасли сариватӣ ниёз доранд. Бахусус, муқаррар намудани вижагиҳои сохториву мундариҷаи маъноии ин навъ воҳидҳои забон ва муайян сохтани омилҳои мавҷудияти тобишҳои маъноии гуногун дар мундариҷаи онҳо аз зумраи ҳамон мушкилотеанд, ки муҳаққиқони ҷӯёи худро интизоранд. Ин дар ҳоллест, ки то ҳол вобаста ба истифодаи ифодаҳои рехта дар насри муосири тоҷик кори таҳқиқотии мукаммале ба сомон нарасидааст. Аз ин ҷиҳат, диссертатсияи мавриди назар иқдоми саривақтӣ ва хеле муфид барои илми забоншиносӣ маҳсуб ёфта, метавонад ҳусну қубҳи захираи фразеологии забонамонро дар самти ифодаи маъноҳои гуногун муқаррар созад.

Вобаста ба ин, диссертатсияи Дустзода Ҳ.Ҷ. аз аҳаммияти хосса бархурдор буда, натиҷаҳои ниҳоии он метавонанд назарияи илми фразеология ва маъношиносии тоҷикро боз ҳам комилтар гардонанд. Муҳтавои ягонаи диссертатсия, ки дар он нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ дар заминаи маводи насри муосири тоҷик ба риштаи таҳлил кашида шудааст, бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат мекунад.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки нахустин бор дар илми забоншиносии тоҷик мавқеи воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ нишон дода шуда, дар заминаи он мақоми аломати забонӣ ва иртиботи он бо маъно, маъноҳои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ дар мундариҷаи маънои фразеологии воҳидҳои фразеологӣ муқаррар мегардад, ҳамчунин тавофути маҷози забонӣ аз маҷози бадеӣ нишон дода шуда, нақши муболиға, истиора, ташбеҳ, тавсиф ва киноя дар тавлиди қабатҳои маъноии мундариҷаи семантикии фразеологизмҳо муайн карда мешавад. Бори аввал мафҳумҳои илмии литота, перифраза ва эпитет ҳамчун воситаҳои тасвири бадеӣ дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ баррасӣ шуда, вижагиҳои забонии онҳо муқаррар карда мешавад.

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии кори таҳқиқотӣ**, ки мавриди тақриз қарор гирифтааст, ба миқдори зиёди маводи илмиву бадеӣ, эътимоднокии адабиёти илмии забоншиносони ватаниву хориҷӣ, мушаххас будани маълумот, таҳлилу баррасӣ ва таснифоти маводи ҷамъоваришуда ва ҳаҷми зарурии интишороти илмӣ алоқаманд мебошад.

**Хулоса ва тавсияҳое,** ки аз натиҷаи таҳқиқи мавзуи интихобшуда баромадаанд, мазмуну муҳтавои ягонаи диссертатсияро фаро гирифтаанд. Онҳоро метавон ҳангоми таҳияи фарҳангҳои фразеологӣ ва китобҳои дарсӣ аз фанҳои луғатшиносӣ, маъношиносӣ, фразеология ва лингвопоэтика истифода намуд.

**Аҳаммияти назарии диссертатсияи** мазкур дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҷанбаҳои назариявии шохаи луғатшиносӣ, маъношиносӣ ва фразеологияи забони тоҷикиро ғанӣ гардонанд. Бар замми ин хулосаҳои диссертатсияро метавон дар мукаммал гардонидани мақоми воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули захираи фразеологии забони тоҷикӣ ва муайян кардани қабатҳои семантикии маънои забонӣ ба таври васеъ истифода намуд.

**Аҳаммияти амалии** кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мешавад, ки аз натиҷаҳои бадастомада метавон дар таълифи рисолаҳои илмии сатҳҳои

гуногун, ҳангоми таҳияи фарҳангҳои тафсирию фразеологӣ, барнома ва дастурҳои таълимии тахассусӣ, хондани курсҳои ихтисос аз риштаҳои поэтикаи наср, фразеология, луғатшиносӣ, маъношиносӣ ва сарфу наҳви забони тоҷикӣ истифода намуд.

Сохтори диссертатсия аз рӯйи талаботи рисолаҳои илмии зинаи докторӣ тарҳрезӣ шуда, аз қисматҳои муқаддима, бобу фаслҳои назриявию амалӣ, хулоса ва феҳристи сарчашмаҳои илмии истифодашуда мураттаб гардидааст. Маълум мегардад, ки диссертант ҳангоми таҳияи диссертатсия ба осори фаровони илмиву бадеӣ таваҷҷуҳ намуда, аз аксари онҳо дар ҷараёни хулосабарориҳои илмӣ истифода кардааст.

Дар қисматҳои муқаддима ва тавсифи умумии таҳқиқ ҳама он бандҳои талаботи КОА, ки вобаста ба диссертатсияҳои риштаи филология дар назар дошта шудаанд, риоя гардидаанд.

**Боби аввали** диссертатсия назариявӣ буда, дар он масъалаи аломатӣ забонӣ, робитаи он бо маъно ва ҳамчунин мавқеи маъноҳои фразеологӣ, мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ муқаррар карда мешавад. Муаллиф дар такя ба назарияҳои охирини муҳаққиқони соҳаи фразеология исбот месозад, ки дар мундариҷаи маъноии воҳиди фразеологӣ қабатҳои мухталифи семантикӣ ба мушоҳида мерасанд, ки омили асосии ба вуҷуд омадани онҳо мавҷудияти воситаи тасвири бадеӣ дар сохтори фразеологизм мебошад. Ба таври дигар, агар дар сохтори ифодаи рехта ин ё он воситаи тасвири бадеӣ ба назар расад, пас, ҳатман дар мундариҷаи он тобишҳои маъноии образноку эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ мушоҳида мешаванд. Дар фасли охирини боби мазкур мақоми маҷози забонӣ, фарқияти он аз маҷози бадеӣ ва нақши он дар тавлиди воситаҳои тасвири бадеӣ муайн гардида, таъкид мегардад, ки маҷози забонӣ воситаи муҳиммест, ки маҳз тавассути он ин ё он воситаи тасвири бадеӣ дар сохтори воҳиди фразеологӣ ошкор карда мешавад.

Дар **боби дуюми** диссеертатсия бо номи “Муболиға ва истиора дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ” ба таҳлилу баррасии воситаҳои тасвири муболиға ва истиора, вижагиҳои маъноиву

сохтории онҳо таваҷҷуҳ шудааст. Маълум мегардад, ки муболиға дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ба василаи аз ҳолати муқарраррӣ зиёд ё кам нишон додани мафҳум, ашё ё аломати он зоҳир мешавад. Ҳамин ки мафҳум дар шакли образнок ба воситаи воҳиди фразеологӣ ифода мешавад, дар мундариҷаи он ба тариқи хира ё равшан муболиғаро эҳсос намудан мумкин аст. Ба монанди **ба дил санг бастан, ба пӯсти касе коҳ ҷой намудан** ва ғайра. Диссертант гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологии муболиғавиро танҳо ба ибора ва ҷумлаҳои фразеологӣ ҷудо намуда, зикр менамояд, ки дар қолаби таркибҳои фразеологӣ зоҳиршавии муболиға имкон надорад.

Фасли панҷуми боби дуюмро "Истиора ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ" ташкил додааст. Қайд мегардад, ки истиора низ вобаста ба вазифаи худ дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ мушоҳида мешавад ва ин гуна фразеологизмҳоро воҳидҳои фразеологии истиоравӣ гуфтан ҷоиз аст. Истиораи забонӣ моли забони наср буда, ба калима ва воҳидҳои фразеологӣ хос аст. Агар дар калима доираи зоҳиршавии он вобаста ба имкониятҳои сохториву маъноии он маҳдудтар бошад, дар воҳиди фразеологӣ ифодаи он як андоза васеътар, равшантар ва пуробуранг сурат мегирад. Дар истиораи воҳидҳои забон дараҷаи баланди бадеияте, ки ба истиораи адабиёт хос аст, дида намешавад. Он дар шакли нисбатан маҳдуди зоҳиршавӣ дар калима ва воҳиди фразеологӣ ба таври образноку муъҷаз ифода гардида, воситаи маъносоз ба ҳисоб меравад.

**Боби сеюми** диссертатсия зери унвони "Ташбеҳ дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ" ба пажуҳиши яке аз воситаҳои серистеъмол дар созмони воҳидҳои фразеологии забони тоҷики – ташбеҳ нигаронида шудааст. Дар фаслҳои алоҳидаи боби мазкур масъалаҳои ташбеҳ ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, нишонаҳои асосию иловагии фарққунандаи воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, ифодаи образҳои мардумӣ дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ва хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ матраҳ шудаанд. Фасли ҷолиби ин

боб, ки дар дигар бобҳои кор ба назар нарасид, дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ инъикос ёфтани образҳои мардумӣ мебошад. Муқаррар карда мешавад, ки дар бештари ташбеҳоти фразеологии забони тоҷикӣ образҳои мардумӣ, ки ба таъриху тамаддун ва фарҳангу маънавиёти миллати тоҷик алоқаи зич доранд, боиси ба вуҷуд омадани ифодаҳои рехта гардидаанд. Ба ин қабил образҳои **саг, хар, гов, рӯбоҳ, гург, шер** ва дигар калимаҳои ифодакунандаи ҳайвонот дохил карда шудаанд, ки ҳар яке бо хислату характери барҷаставу фарққунандаи худ аллакай миёни халқ ба рамзҳои мардумӣ табдил ёфтаанд. Дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ мавҷудияти идиома ва фраземаҳо шаҳодати он аст, ки ифодаи маънои маҷозӣ дар ин гуна фразеологизмҳо ба таври равшан ба назар мерасад ва унсурҳои таркибии онҳо дар қолаби ибора, таркиб ва ҷумлаҳои фразеологӣ метавонанд аз маънои луғавии худ канда шуда, ба маънои фразеологӣ соҳиб шаванд.

Дар **боби чоруми** диссертатсия "Тавсиф ва киноя дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ" ба нақши ду воситаи тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ – тавсиф ва киноя, ишора шудааст. Муаллиф дар заминаи таҳлилу натиҷагириҳо аз маводи фаровони бадеӣ ба хулосае меояд, ки тавсифи забонӣ ба мисли тавсифи бадеӣ унсури сифатчинӣ набуда, балки зикри ин ё он аломату хусусияти барҷастаи ашёву мафҳум мебошад. Аз ин ҷиҳат воҳидҳои фразеологии тавсифӣ танҳо дар қолаби ибораҳои исмии изофӣ вомехӯранд ва дар ҳамин қолаб яке аз калимаҳои таркибии онҳо ҳатман ба маънои маҷозӣ меояд. Дар фасли алоҳида ҳамчунин фарқи воҳидҳои фразеологии тавсифӣ ва перифразавӣ бо чанд банд нишон дода шуда, таъкид мегардад, ки дар ибораҳои рехтаи перифразавӣ ҳарду унсури таркибии ибора пурра маънои маҷозӣ касб мекунанд ва ин навъ ибораҳо бар ивази як калима дар истифода қарор мегиранд. Аз қабили **боми ҷаҳон** "Помир", **тиллои сафед** "пахта", **барги сабз** "тuҳфа" ва монанди инҳо.

Мавҷудияти киноя дар сохтори воҳидҳои фразеологии киноявӣ дар заминаи муқобилгузории маънои таҳтуллафзии ифода бо маънои ягонае, ки

он ифода мекунад, муайян карда мешавад ва ин гуна фразеологизмҳо низ ба хусусиятҳои сохториву маъноӣ соҳибанд.

Дар хулосаи диссертатсия дар 28 банд натиҷагириҳо аз таҳқиқи илмӣ бо далелҳои исботшуда нишон дода шудаанд. Овардани тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқ дар бандҳои алоҳида аз он гувоҳӣ медиҳад, ки муаллиф ҷиҳати дар истеҳсолоти илмиву таълимӣ роҳандозӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳодҳои муфид дорад ва ба инобат гирифтани онҳо метавонад боз ҳам паҳлуи назариявию амалии мавзуи таҳқиқотиро дар оянда боз ҳам мукаммал гардонад.

Маълум мегардад, ки вобаста ба мавзуи таҳқиқшуда муаллиф 1 монография ва 33 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин шумора 18-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Баромаду маърузаҳои илмии соҳиби рисола дар конференсияҳои сатҳҳои гуногун шаҳодати он аст, ки ӯ аз мавзуи таҳқиқотӣ хуб огаҳӣ дорад ва онҳо ба мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ иртибот доранд.

Бешубҳа, афзалиятҳо дар диссертатсия чашмрасанд. Муаллиф аз уҳдаи бандубаст ва таҳлилу баррасии маводи илмиву бадеӣ баромада, мавзуъро дар доираи талаботи корҳои илмӣ ҳаллу фасл намудааст. Бо вуҷуди ин, дар диссертатсия ва автореферати он як зумра норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки islоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд. Ба монанди:

1. Ҳарчанд дар бобҳои дуюм, сеюм ва чоруми диссертатсия вижагиҳои маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, истиоравӣ, ташбеҳӣ, тавсифӣ ва киноявӣ баррасӣ шуда бошанд ҳам, вале дар номи бобҳои зикршуда ин хусусиятҳо зикр нашудаанд. Беҳтар мебуд, агар дар баробари сохтор ҳамчунин хусусиятҳои маъноӣ низ нишон дода мешуданд.

2. Фасли сеюми боби сеюми диссертатсия “Ифодаи образҳои мардумӣ дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ” унвон гирифтааст, ки ин фасл аз чи бошад, дар бобҳои дуюму чорум ба назар намерасад.

3. Дар диссертатсия баъзан таҳлили назарияҳои муҳаққиқони адабиётшинос дар мавриди воситаҳои тасвири бадеӣ дида мешавад, ки ин ҳолат вазни

забоншиносии корро каме сабук гардонидааст. Агар чунин таҳлилҳо сарфи назар мешуданд, ҳусну қубҳи забоншиносии диссертатсия боз ҳам боло мерафт.

4. Дар гунаи тоҷикии автореферати диссертатсия мисол-шоҳидҳо барои тасдиқи назарияҳои илмии муаллиф хеле кам оварда шудаанд (с.27,30,31,33,36,42).

5. Дар диссертатсия ва гунаи тоҷикиву русии автореферати он (с.5,11,21,38 ва ғ.) баъзан ғалатҳои имлоиву китобат ва техникӣ роҳ ёфтаанд.

Боиси таъкид аст, ки нуқсонҳои дар боло зикршуда ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ қиммати илмии корро кам карда наметавонанд. Бешак, диссертатсияи Дустзода Ҳ.Ҷ. дар илми маъношиносӣ ва фразеологияи тоҷик кори таҳқиқотии анҷомёфта буда, натиҷаҳои хуберо ба бор овардааст. Автореферат ва мақолаҳои чопшуда мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос намудаанд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Ба ин тариқ, диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа бо номи "Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)" кори анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб ёфта, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ арзанда ва сазовор мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, мудири
кафедраи забонҳо ва фанҳои
гуманитарии МДТ "Филилали
Донишгоҳи миллии таҳқиқотии
технологӣ "МИСиС" дар шаҳри Душанбе" Нозимов А.А.

«08» феврали соли 2024.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи
Фирдавсӣ, бинои 62, хонаи 9.
Тел.: (+992) 907. 72-56-66
E-mail: aa.nozimov@mail.ru

Имзои А.А. Нозимовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои МДТ
"Филиали Донишгоҳи миллии
таҳқиқотии технологӣ "МИСиС"
дар шаҳри Душанбе Зарипова М.А.

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Назаршоев, 7
«08» феврали соли 2024